ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 22.09.2022 **ш. Душанбе**

Суханронии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи **«Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (вақҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – **Худойдодов Аъзам Овлододович**, номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – **Аҳмадов Сафармад Гадомадович,** муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илми филология Шодимуҳаммад Суфизода, Сироҷиддини Эмомалӣ, Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Аламхон Кӯчарзодаро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Миралиева Сарварбӣ Толибовна

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи **«Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (вақҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Миралиева Сарварбӣ Толибовна дараҷаи илмии номзади илми филология дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илми филология ба Миралиева Сарварбӣ Толибовна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.

22.09.2022